**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 15/2с

аз «27» 04 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи Дастурамал «Дар бораи соҳаи истифода ва тартиби муомилоти асъори хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 марти соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 5 март то 16 апрели соли 2020 гузаронида шуда, аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки таҳиякунанда тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкуниро риоя накардааст. Аз ҷумла, нусхаи ниҳоии таҳлили таъсири танзимкунии шакли

хаттии пешниҳодгардида ба шакли электронии он мувофиқат наменамояд. Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки ягон амал андешида нашавад, ба таври пурра ва мушаххас тавсиф карда нашуда, танҳо асосҳои ҳуқуқии қабули лоиҳаи мазкур дарҷ гардидаасту халос. Уҳдадорӣ ва махдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот ва оқибатҳои иқгисодию иҷтимоии лоиҳа, муфассал арзёбӣ нашудааст.

Ҳамзамон, муайян гардид, ки дар лоиҳа такрори меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ҷой доранд. Чунончӣ, бандҳои 2 ва 3 лоиҳа такрори меъёрҳои моддаҳои 2 ва 5 Қонуни болозикр мебошанд. Ҳол он, ки тибқи талаботи қисми 2 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" дар Дастурамал мазмун ва масъалаҳои муфассали танзимӣ дар соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд дақиқ муайян карда шаванд.

Инчунин, ҳангоми таҳияи лоиҳа талаботи моддаи 48 Қонуни болозикр, истифодаи истинод дар санади меъёрии ҳуқуқӣ риоя нагардидааст.

Тибқи талаботи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса пешниҳод менамояд.

Директор　　　　　　　　　　　　　　　　　　Саидзода И.Ҳ.